# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Аснодҳо собит месозанд, ки нимаи дуюми асри XIV вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳолати буҳронӣ қарор дошт. Онҳо на танҳо байни якдигар ҳамеша дар ҳолати ҷангу ҷидол қарор доштанд, балки аз дохил низ миёни мансабдорони онҳо барои ба даст овардани ҳукумат муборизаҳо мерафт.

Таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз дерзамон мавриди пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифта, он бо паймонаҳои мухталиф дар асарҳои илмии ин донишмандон тасвири худро ёфтааст. Аммо баррасиҳои таърихнигорӣ ё накди осори илмие, ки дар онҳо масоили ба ҳокимият расидани Темур дар Мовароуннаҳр, забткориҳои ӯ, ҳукумати ворисони Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV инъикос ёфтаанд, то кунун сурат напазируфтааст. Муродзода Ахмадхон Амрохон дуруст зикр менамояд, ки мубрам будани таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо муайян кардани нақши муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ дар баёни воқеъбинонаи рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва асри XV низ ифода меёбад. Ин масъалаҳо ва масоили мубрами дигар, муҳимияти диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохонро дар мавзуи «Таърихнигории таърих Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» мушаххас месозад.

Дар идома диссертант **дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмиро** баррасӣ намуда, менависад, ки “дар баррасии мавзуҳои марбут ба ин давра дар байни олимон фикру андешаҳои мухталиф ва гоҳе мутаззод ба назар мерасанд”. Инчунин таҳқиқ ва омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва

фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар осори илмии олимони рус ва шуравӣ инъикоси ҳамаҷониба худро ёфтааст. Диссертант дуруст қайд намудааст, кидар баррасии ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои таҳқиқгардида, асари бунёдии муаррихи барҷаста академик Бобоҷон Ғафуров намунаи олӣ мебошад.

Дар диссертатсияи Муродзода А.А. мансубияти он ба барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотӣ мушаххас шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** Муродзода А.А.дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври густурда таҳқиқ мешавад. Дар ин замина, нахустин бор дар илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои бераҳмонаи Темур ва Темуриён, қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошӯбҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ, ки боиси нооором ва қаҳтию гуруснагии мардуми ин минтақа, яъне Мовароуннаҳру Хуросон гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ сурат мегирад. Маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва натиҷаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бори нахуст чун мавзуи таърихнигорӣ воқеъбинона мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқон имконият фароҳам шудаст, ки дар самти таҳқиқи таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV ахбори возеҳу равшан дастрас гардад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, дастрас будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳамияти **илмиву амалӣ** дорад, инчунин муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Натиҷаи таҳқиқро дар таҳияи корҳои илмӣ, роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор, тартиб додани барномаҳо, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълими методӣ метавон истифода кард.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 25 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалии натиҷаҳои диссертатсия, этимоднокии натиҷаҳои диссертатсия марҳилаҳои таҳқиқот, нашри асарҳои илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Диссертатсияи Муродзода А.А. аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби аввал **“Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ”** унвон дошта, дар се зербоб масъалаҳои тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии истифодашуда, парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва шӯриши Сарбадорони Самарқандро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Диссертант ҳангоми тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии

истифодашуда, яке аз манбаъҳои муҳим ва судманди ин давра асари «Рӯзномаи ғазаводи Ҳиндустон»-и Ғиёсуддини Алиро, ки ба Темур бахшида шудааст таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ин асар сарфи назар аз хусусияти маддоҳонаи худ барои омӯзиши давраи ҳукмронии Темур сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки тавассути ин сарчашма метавон роҷеъ ба вазъияти онвақтаи мардуми ҳинд, номҳои тоҷикии ҷуғрофии Ҳиндустон, калламанорасозиҳои Темур дар Ҳинд, Исфаҳон ва ғайра маълумотҳои бештар ба даст овард. Диссертант инчунин ба ахбори асарҳои дигар муаллифон, ба монанди Клавихио, Ибни Арабшоҳ, Низомуддини Шомӣ, Муинуддини Натанзӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Мирхонд, Хондамир ва дигарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Дар боб инчунин пиромуни парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон, ҳокимиятхоҳии хонҳои чағотойӣ, рӯз аз рӯз маҳдуд гардидани мавқеи муғулҳо дар ин минтақа, лашкаркашии амир Қазаған бар Ҳирот бар зиддӣ Муизуддин Ҳусайни Курт, давраи парокандагии давлати чағатойӣ, муносибати амир Ҳусайн бо Темур ва шӯриши Сарбадорон сухан меравад. Инҷо ду нукта боиси таваҷҷуҳ аст. Нуктаи аввал. Аз назари муаллифи диссертатсия маълумотҳои таърихие, ки Клавихо доир ба Темур ва солҳои ҷавонии ӯ овардааст, дар ягон таърихнигории расмӣ ба мушоҳида намерасанд. Нуқтаи дигар. Гарчанде ки роҷеъ ба шӯриши Сарбадорони Самарқанд асарҳои зиёде мавҷуд бошад ҳам, аммо бисёр масъалаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ он давр то ҳанӯз норавшан боқӣ мондаанд.

**Боби дуюм“ Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV”** зербобҳои ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур, оғози забткориҳои ӯ ва мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темурро муттаҳид менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар боби мазкур масъалаҳои ҳуҷуми Темур ба Хуросон ва Мовароуннаҳр, аз ҷониби Темур кушта шудани амир Ҳусайн ва дар Самарқанд ба тахт нишастани ӯ, ғорату куштор ва ҷаҳолатҳои зиёди Темур ва лашкариёни

вай, давоми забткориву бедодгариҳои Темур, ҳангоми задухӯрдҳо кушта шудани мардуми зиёд ва вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот, омодагии Темур ба ҷанги зидди Хитой, сабабҳои фавти Темур ва ғайра ҳамаҷониба баррасӣ мегарданд. Бавижа пиромуни марги Темур дар диссертатсия муфассал сухан меравад. Дар идомаи ин боб муаллиф аз мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур, ки миёни ҷонишинону ворисонаш сурат гирифта буд, муфассал сухан мегӯяд. Ин муборизаҳо задухӯрдҳои шадидро ба миён оварда, боиси кушта шудани аҳолии таҳҷоӣ ва вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот дар минтақа гардида буданд.

Диссертант дар боби сеюм **“Вазъи сиёсии Мовароуннахр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ”** бештар ба масъалаҳои мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Шоҳрух, Улуғбек ва нокомиҳои ӯ дар умури давлатдорӣ, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV таваҷҷуҳ менамояд. Бояд тазаккур дод, ки диссертант нисбат ба амалҳои Улуғбек маълумотҳои мушаххас меорад. Тибқи иттилои сарчашмаҳо ваҳшониятҳои Улуғбек дар Ҳирот на камтар аз ваҳшониятҳои содиркардаи бобояш Темур дар вайрону валангор кардани масоҷидҳо ва носипоси нисбат ба аҳли уламо буд. Улуғбек аз бисёр ҷиҳат аз падараш Шоҳрух ба куллӣ фарқ мекард ва бештар ба бобояш Темур наздикӣ дошт ва аксар вакт бо ӯ таклид мекард. Дар замоне ки Улуғбекро дар таърих ҳомии илму маърифат муаррифӣ карда, бунёди расадхонаҳоро ба ӯ нисбат додаанд, чӣ амалҳои зиште аз ӯ содир шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки пас аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни намояндагони хонадони Темурӣ: Гавҳаршод, Улуғбек, Абдулатиф ва Алоуддавла мунокиша оғоз гардид, ки дар диссертатсия муфассал зикр ёфтаанд.

Боби чаҳорум **“Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюмиасри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон”** давоми мантиқии боби гузашта буда, ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV ва замони ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон бахшида шудааст.

Пас аз марги Абусаид писари калониаш Аҳмад султон, ки ҳанӯз дар замони зиндагии падараш волии Самарқанду Бухоро буд, ба тахти Мовароуннаҳр менишинад. Писари дигари ӯ Маҳмуд султон волии Тирмиз, Чағониён, Ҳисор, Хуталон, Қундуз ва Бадахшон то кӯҳҳои Ҳиндукуш буд. Қайд мегардад, ки дар аҳди зимомдории фарзандони Абусаид дар Мовароуннаҳр авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба таназзул оварда, боиси сар задани исёну ошӯбҳо дар минтақа гардид. Ин сабаб шуд, ки Темуриён садди роҳи Шайбонихон шуда натавонистанд ва он омили аз байн рафтани ҳокимият дар Мовароуннаҳр гардид. Дар боб инчунин ҳаводиси охири асри XV ибтидои асри XVI, ки ба шикасти империяи Темур сабаб гардид, тавсиф мешаванд.

Боби охирин **"Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаидуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон"** унвон дошта, масъалаҳои инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳаёти фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар таърихнигории шуравӣ ва замони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба назари диссертант дар мавриди авзои иҷтимоии давраи Темуриён иттилооти зиёде мавҷуд нест.Тибқи сарчашмаҳо ва адабиёти нашршуда дар диссертатсия омадааст, ки дар аҳди Темуриён бемориҳое зиёде ба амал меомад, ки боиси марги зиёди одамон ва холӣ шудани шаҳрҳо аз аҳолӣ мегардид. Баъдан дар хусуси вазъи кишоварӣ, навъҳои замин, сиёсати андоз дар Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, ғулому ғуломдорӣ, дар хусуси адабиёт, ҳунармандӣ, косибӣ ва ғайраҳо сухан меравад.

Бояд қайд кард, ки хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ аз дараҷаи баланди натиҷабардории илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар 18 банди хулоса, ки фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифанд, андешаҳои ҷамъбастии ӯ натиҷагирӣ шудаанд.

Аммо дар ҳама гуна кори илмӣ баробари муваффақиятҳои бадастомада, боз норасоиҳо низ вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз мехостем пиромуни баъзе норасоиҳои ин диссертатсия, ки ба чашм мерасанд, ибрози назар намоем:

1.Дар қисмати “Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллифони зиёде номбар шудаанд. Аммо асарҳои бештар ба мавзуъ дахлдошта, мавриди таҳлил қарор нагирифта, яъне мазмуни асосии онҳо кушода дода нашудаанд.

2.Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия асосан хулосаи манобеъи истифодашуда дода шуда, муаллиф ба муқоисаи манбаъҳо кам таваҷҷуҳ кардааст.

3.Дар диссертатсия баъзе номҳои муаллифони асарҳо ва сарлавҳаҳо ба шаклҳои гуногун навишта шудаанд. Масалан: дар як ҷо Бойсунғар, дар ҷои дигар бошад Бойсунғур навишта шудааст. Ё ин, ки А.М.Белениский (саҳ.5), А.М.Беленицкий (саҳ.313). Инчунин, дар саҳифаи 18 “Руйхати адабиёти истифодашуда” дар охир “Руйхати адабиёт” омадааст. (саҳ.299). Азбаски диссертатсия ба масъалаи таърихнигорӣ бахшида шудааст, аслан унвони он чунин меояд: “Руйхати маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда” ва бо ҳарфҳои калон навишта мешавад. Ба мисли “Рӯйхати интишороти илмии довталаби дарачаи илмӣ”(саҳ.348).Дар тасвири библиографӣ маълумотҳои зарурӣ роҷеъ ба баъзе дабиёт, монанди сол ва ҷои баромад, шумораи саҳифаҳо намерасанд.

4.Дар диссертатсия такрори баъзе матнҳо низ ба назар мерасанд. Масалан: хонадоршавии Темур ба зани амир Ҳусайн дар чанд чой такрор мешавад (саҳ.66, 83). Шояд ин ба амиқсозии далелҳо вобаста ба мавзу бошад.

5. Дар матн баъзе хатоиҳои техникӣ низ ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, бояд хотирнишон сохт, ки эродҳои зикршуда аҳаммияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии дорои арзиши баланд буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант ба мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тавр, бояд хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърих Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра баанҷомрасида маҳсуб ёфта, диссертант мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро ба пуррагӣ иҷро намудааст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва диссертант Муродзода Аҳмадхон Амрохон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Муҳидинов С.Р.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нусратулло Махсум 89/1 хонаи 5
Тел.: (+992) 93 521 92 74
E-mail: raja1956@mail.ru

Имзои С.Р. Мухиддиновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ, доктори
илмҳои филологӣ Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 221-35-50;
E-mail: rtsu.tj

30 майи соли 2025